**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734012, ш. Душанбе, кӯч. М. Мастонгулов 3)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Завқизода Солеҳ Амин дар мавзуи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 36 саҳ.)**

Яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар замони муосир ин аз нигоҳи назарӣ, амалӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ намудани интихоб, тайёр ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Зеро, мавзуи мазкур дар замони соҳибистиқлолӣ мубрамияти бештарро соҳиб гардида, дар маркази таваҷҷуҳи пайвастаи роҳбарияти давлату Ҳукумати кишвар қарор дорад. Аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022 масъалаи ишорашударо ҳалталаб арзёбӣ намуда, ишора намуданд, ки «бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои ин муносибатҳо зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад. Бинобар ин, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо тадбирҳои муассир андешанд». Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои расидан ба ин мақсадҳо таъсири амиқи худро гузошта, имконият фароҳам меорад

то мушкилоти дар ин самт ҷойдошта аз нигоҳи илмӣ роҳи ҳалли худро пайдо намояд.

Дар автореферати Завқизода С.А. нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида то ҳади зарурӣ таҳлил ва таҳқиқ карда шуда, дар қатори паҳлуҳои гуногуни мавзуъ, инчунин ба масъалаи таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо диққати асосӣ дода шуда, ба он як боб ва се зербоб бахшида шудааст. Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар таҳқиқоти хеш аҳамияти такмили ихтисоси судяҳоро бо назардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ қиёси ҳуқуқӣ карда, раванди таълимро гурӯҳбандӣ намуда, нақши меъёрҳои этикаи касбии судяро ҳам дар марҳилаи интихоб ва ҳам дар ҷараёни такмили ихтисоси судяҳо нишон диҳад. Муаллиф нақши муҳимми этикаи судяро ҳамчун ҷузъи таркибии этикаи ҳуқуқшиносӣ арзёбӣ менамояд, зеро маҳз судя бо истифода аз ваколатҳои бо қонун баҳододашуда дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, давлат, ташкилоту муассисаҳо нуқтаи ниҳоиро мегузорад. Дар таъмини қабули санади судии асоснок ва қонунӣ риоя гардидани меъёр ва принсипҳои ахлоқӣ, ба монанди бовиҷдонӣ, холисӣ ва беғаразӣ, таъмини баробарии тарафҳо, босалоҳиятӣ ва ғ. нақши калидӣ мебозанд. Бо ҳамин назардошт, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 22 декабри соли 2016 иброз намуданд, ки роҳбарони мақомоти дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки ба масъалаи пешбарии номзадҳо ба вазифаи судя диққати махсус зоҳир намуда, шахсияти онҳоро бо тартиби муқаррааргардида омӯзанд ва ба вазифаи масъулиятноки судя ҳуқуқшиносонеро пешниҳод намоянд, ки дониши хуби назариявӣ ва таҷрибаи кофии касбӣ дошта, аз ҷиҳати одобу ахлоқ ва рафтору кирдор ба ин мансаби масъули давлатӣ муносиб бошанд.

Муқаррар гардидани этикаи касбӣ исботи мубрам будани нақши он дар фаъолияти касбӣ мебошад, зеро меъёрҳои ахлоқӣ барои фаъолияти давлат, ташкилоту муассисаҳо, ҷомеа ва тамоми шахсон зарур буда, он ҳамчун меъёри муайянкунандаи сатҳи сифатии ҷомеа ва

фард эътироф гардида, ба фаъолияти онҳо самара ва таъсири мусбат мерасонад. Бинобар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионии Завқизода С.А. на танҳо масъалаҳои интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо, балки паҳлӯҳои мухталифи этикаи касбии судя, талаботи меъёрҳои этикӣ ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои ҳокимияти судӣ ва нақши онҳо дар раванди такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо равшанӣ бахшидааст.

Муаллиф чунин ақида дорад, ки ҷомеаи муосирро бе меъёрҳои ахлоқӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро ахлоқ дар раванди амалишавӣ, хусусан дар фаъолияти касбии судя бо меъёрҳои ҳуқуқӣ бархӯрд намуда, меъёрҳои нави ҳуқуқӣ ва ё баръакс ахлоқиро ба вуҷуд меоранд. То кадом дараҷа ҳифз гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо ахлоқ вобастагии зич дорад. Ҳалли одилона ва холисонаи баҳсҳо, эътироф намудан ва дар амалия татбиқ намудани меъёрҳои ахлоқ пеш аз ҳама барои шахсони касбияти ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла судя шарт ва зарур мебошад (саҳ. 23). Ба андешаи муаллиф дар замони муосир касбҳое мавҷуданд, ки дар назди ҷомеа масъулият ва ухдадории махсусро доро мебошанд ва дар қатори дигар касбҳои ҳуқуқшиносӣ касби судя маҳз ба ин гурӯҳ дохил мешавад, зеро судя ухдадор аст, ки амният, бехатарӣ, сулҳу субот ва муносибатҳои устувори байни аъзои ҷомеаро вобаста ба шакли фаъолияташон таъмин намояд (саҳ. 23).

Зимни таҳлил муаллиф бо такя ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ иброз медорад, ки шахсони ба вазифаи судя интихобшаванда, бояд сифатҳои баланди ахлоқӣ, қобилият ва тайёрии касбӣ дошта бошанд. Кадом усули интихобе, ки татбиқ нагардад, дар он бояд кафолати интихоби дуруст ва дур будан аз роҳҳои интихоби ғайриқонунии судя ҷой дошта бошад (саҳ. 24).

Диссертатсияи Завқизода С.А. фарогири феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёти истифодашуда буда, ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Бояд қайд кард, ки нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар автореферати рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ, таҳия ва омода намудани стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар илми ҳуқуқшиносӣ ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эродҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Муаллиф дар нуктаи якуми илмии назариявии худ ишора намудааст, ки масъалаҳои интихоб, тайёр намудан, таълим, такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя ва талаботи меъёрҳои ахлоқӣ нисбат ба судяҳо аз нигоҳи хусусияти худ дар низоми оилаҳои ҳуқуқӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Аз ин рӯ, зимни ҳимояи рисолаи илмӣ хуб мешуд, агар диссертант оид ба махсусияти меъёрҳои ахлоқӣ нисбат ба судяҳо дар заминаи оилаи ҳуқуқии романо-олмонӣ, ки Тоҷикистон низоми ҳуқуқии миллии худро дар асоси он бунёд намудааст, васеътар маълумот медод.

2. Ҳангоми таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби рисоланавис санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти онҳоро ратификатсия накардааст. Бо ин назардошт, аз муаллиф пурсида мешавад, ки оё зарурати ратификатсия кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти омӯзиши мавзуи баррасишаванда ҷой дорад ва он барои аз байн бурдани мушкилоти ҷойдошта дар ҷодаи интихоб, тайёр кардан ва такмили ихтисоси судяҳои кишвар то кадом андоза таъсиррасон буда метавонад.

Бояд қайд кард, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сатҳу сифати рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи

муаллифро ҳангоми ҳалли баъзе масъалаҳо дар алоҳидагӣ мустаҳкам менамоянд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, хулоса намудан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Завқизода Солеҳ Амин дар мавзуи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ», кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Д.С. Раҳмон

«Имзои профессор Д.С. Раҳмонро тасдиқ мекунам»:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ф.А. Амиров

**Суроғаи муқарриз:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
в.Хатлон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Телефон: (+992 8 33 22) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj